# InfoCheck - App Inventor Challenge:

## Таъсири зеҳни сунъӣ ба ҳаёти мо!

Озмун дар доираи Лоиҳаи InfoCheck-Central Asia Институти Гёте дар Узбекистон

**Дар бораи озмун:** Мо наврасони 15–16-соларо барои намоиши маҳоратҳои барномасозӣ ва эҷодкории худ даъват менамоем!

**Вазифаи шумо:** Дар App Inventor як замимаи (App) хурди Android таҳия кунед, ки ба наврасон беҳтар фаҳмидани нақши зеҳни сунъӣ дар ҳаёти ҳамарӯзаашон ёрӣ расонад ва бошуурона ва бехатар истифода бурдани онро омӯзонад.

**Ҷоизаи шумо:** Имконияти иштирок намудан дар ҳакатони байналмилалӣ дар Тошканд ва ҳамчунин ба даст овардани мукофотҳои арзишманд.

**Талаботи муҳим:** Замима (App) бояд функсионалӣ (коркунанда) бошад (на танҳо аз матн иборат шавад) ва ҳадафи равшани таълимӣ/маърифатӣ дошта бошад. Самти мавзӯъро ихтиёран интихоб мекунед — муҳим он аст, ки таъсири омӯзишӣ ва прототипи функсионалӣ дошта бошад.

**Идеяҳо барои барномаи шумо**

Мисолҳои зерин ҳатмӣ нестанд ва танҳо тавсиявӣ мебошанд:

- **Зеҳни сунъӣ ва таъсири он:** шарҳи принсипҳои таъсири мутақобила бо шабакаҳои нейронӣ (нейросеть), баррасии манфиатҳо ва хатарҳои онҳо, қоидаҳои асосии бехатарӣ дар кор бо системаҳои зеҳни сунъӣ.
- **Амният ва ҳифз:** омӯзонидани усулҳои асосии амнияти киберӣ (масалан, тавассути тестҳои интерактивӣ).
- **Хабарҳои фейки ва манипулятсия:** викторина/тест барои таҳлили постҳои шабакаҳои иҷтимоӣ. Барнома ба корбарон кӯмак мекунад, то ҳақиқатро аз маълумоти бардурӯғ фарқ кунанд ва мефаҳмонад, ки ба чӣ аҳамият додан лозим аст.
- **Digital Wellbeing (беҳбудии рақамӣ):** омӯзиши “гигиенаи рақамӣ”, таҳлили вақти экран, ё бошуурона истифода бурдани гаҷетҳо.

**Муҳим:** Мисолҳои дар боло қайдшуда хатмӣ нестанд — шумо метавонед идеяи худро пешниҳод ва амалӣ кунед. Унсурҳои бозигарона (game-like) хеле хуш пазируфта мешаванд!

**Қоидаҳо ва ростқавли**

- Иҷозат аст: истифода бурдани зеҳни сунъӣ барои тавлиди идеяҳо, эҷоди мавод (матн/сценария) ё фаҳмондани ҷузъҳои алоҳидаи рамз (код).
- Манъ аст: пешниҳод кардани барномае, ки пурра аз ҷониби зеҳни сунъӣ тавлид шудааст. Лоиҳа бояд кори шахсии шумо бошад. Ташкилкунандагон ҳуқуқ доранд иштирокчиёнро дар ҳолати плагиат (нусхабардорӣ) аз озмун хориҷ намоянд.

**Goethe-Institut Usbekistan**
Amir Temur ko'chasi 42
100000 Taschkent
Usbekistan

Tel.: +998 78 140 1470
Fax: +998 78 140 1471
info-taschkent@goethe.de
www.goethe.de/usbekistan

www.goethe.de

GOETHE INSTITUT
Sprache. Kultur. Deutschland.

**Талаботи ҳадди ақал ба прототип**

1. **Ҳадафи равшани таълимӣ:** барномаи шумо чиро меомӯзонад?
2. **Интерактивӣ:** мавҷудии ҳадди ақал як унсури интерактивӣ (масалан, викторина, системаҳои холгирӣ, дарахти қарор (decision tree), чек-лист ё функсияи бозхӯрд/feedback).
3. **Сохтор:** ҳадди ақал 5 экран ё 1 экран бо чанд ҳолати динамикӣ (масалан: Меню → Омӯзиш → Амалӣ → Натиҷа).
4. **Устуворӣ:** барнома бояд бе хато ва бе қатъшавӣ кор кунад (лутфан пешакӣ онро дар чанд дастгоҳ санҷед).

**Чиро фиристодан лозим аст?**

1. Як ҷузвдон (папка) созед бо номи: **Шаҳр_Насаб_Ном** (масалан: Тошканд_Sharipov_Islom)
2. Дар дохили и он бояд шаванд:

- **AppName.apk** — файли насбшавандаи барномаи шумо
- **Видео-презентатсия (1–2 дақиқа)** — сабти экран бо шарҳи овозӣ:
  - оғоз ва тарзи кори барнома (гузаронидани як test case)
  - шарҳи ҳадаф ва чӣ гуна пайдо шудани идея

3. **Формат:** ҷузвдонро архив кунед (ZIP / 7Zip / WinRAR)
4. **Супоридан:** файлро ба “облако” (Google, Yandex) бор кунед ва линкро фиристед. Линкро ба ин почтаи электронӣ ирсол намоед: Bibliothek-Taschkent@goethe.de

**Меъёрҳои баҳогузорӣ (ҳадди аксар 100 хол)**

| Категория | Меъёрҳо | Холҳо |
|---|---|---|
| **Таҷрибаи корбар (UI/UX)** | Осонӣ дар истифода Интерфейси қулай | 10 |
| | Дизайн ва навигатсия | 10 |
| **Функсионалӣ** | Фаъолиятмандӣ/функсияҳо | 15 |
| | Устуворӣ, бехатоӣ | 15 |
| **Эҷодкорӣ ва идея** | Аслнокият | 15 |
| | Амалисозии мавзӯъ - шарҳи мавзӯи озмун | 15 |
| **Презентатсия** | Муаррифии равшану фаҳмои барнома ва функсияҳои он | 20 |